# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и
## назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
## аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_______

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 10 марти соли 2023, № 6 дар бораи сазовор донистани Завқизода Солеҳ Амин шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Завқизода Солеҳ Амин дар мавзуи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ санаи 27 декабри соли 2022, суратмаҷлиси №4 аз ҷониби Шурои диссертатсионии назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулова 3, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 апрели соли 2022, №95/шд), ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Завқизода Солеҳ Амин 10 марти соли 1962 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1986 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро бо ихтисоси забонҳои шарқ ва адабиёт ва соли 2005 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ бо дипломи аъло хатм кардааст.

Завқизода С.А. аз соли 1979 дар вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ фаъолият намуда, аз 15.06.2016 то ҳол Директори Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси Фармоиши Ректори ДМТ аз 5 декабри соли 2019, № 548-05 унвонҷӯи кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва аз 16 сентябри соли 2020, № 272-05 унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Мавзӯи кори диссертатсионии Завқизода Солеҳ Амин "Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ" дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ (протоколи №4) аз 31 октябри соли 2020 ва ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20 ноябри соли 2020 (суратмаҷлиси №2 (20-21) тасдиқ гардида, роҳбари илмии Завқизода Солеҳ Амин номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Маҳмудов Изатулло Тешаевич таъин карда шудааст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 10.05.2022, № 90 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Бо таъиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 24.06.2022, №63 диссертатсияи Завқизода С.А. ба экспертизаи давраи дуюм қабул карда шуда, муқарризони холис таъин гардиданд. Дар ҷаласаи муштараки кафедрахои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 6 июли соли 2022 ва бо хулосаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 9 июли соли 2022 диссертатсияи Завқизода Солеҳ Амин дар мавзуи “Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ” аз рӯи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Маҳмудов Изатулло Тешаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳукуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

**Рустамзода Алишер Қосим** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент омода гардида, аз ҷониби мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Иброҳимов С.И. ба имзо расидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Завқизода С.А. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдик менамоянд.

Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Хулоса, рисолаи диссертатсионии Завқизода Солеҳ Амин ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Завқизода, С.А. Ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии танзими интихоби судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Завқизода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – № 2 (30). – С. 65-71.

2. Завқизода, С.А. Масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Завқизода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – № 2 (34). – С. 69-73.

3. Завқизода, С.А. Маркази таълимии судяҳо – мақоми тақвиятдиҳандаи мустақилияти судяҳо [Матн] / С.А. Завқизода // Қонунгузорӣ (ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон). – 2021. – № 2 (42). – С. 138-143.

4. Завқизода, С.А., Маҳмудов И.Т. Амалишавии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ [Матн] / С.А. Завқизода, И.Т. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2022. – № 3. – С. 215-228.

5. Завқизода, С.А. Падидаи коромӯз-судя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Завқизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2022. – № 5. – С. 199-205.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

6. Завқизода, С.А. Принсипҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон [Матн] / С.А. Завқизода // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 64-69.

7. Завқизода, С.А. Этикаи касбии судя ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.А. Завқизода // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 83-91.

8. Завқизода, С.А. Судебная власть – гарантия защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст] / С.А. Завкизода // Государствоведение и права человека. – 2020. – № 3 (19). – С. 29-36.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Зариф Ализода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олӣ (тақриз замима мегардад).

**Раҳмон Д.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (тақриз замима мегардад).

**Шаҳидуллозода М.** – номзади илмҳои хуқуқшиносӣ, прокурори Раёсати назорати иҷрои қонунгузории нақлиёт ва гумруки Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3 (тақриз замима мегардад).

**Шодиён И.Р.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ (тақриз замима мегардад).

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои муқарризон баҳсноканд, аз ҷумла қайд карда шудааст, ки “Кодекси этикаи кормандони мақомоти судӣ” таҳия ва қабул карда шавад, ҳамзамон масъалаи тайёр намудани ихтисосҳои махсуси судя, прокурор ва муфаттишро пешниҳод намояд, масъалаи таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ дар доираи “барномаҳои кутоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат оид ба таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ” ҷой дода шаванд, зарурати ҳамчун коромӯз-судя савганд ёд намудани ӯ ҳангоми фаъолияташ, пешниҳод карда шудааст, ки дар қисми 2 моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” баъди калимаҳои “хизмати ҳарбии муҳлатнокро адо карда бошад” калимаҳои “ҳангоми пешниҳоди маълумоти тахассусии зинаи магистр бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, маълумоти зинаи бакалаврро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дошта бошад илова карда шавад, пешниҳоди маълумот оид ба махсусияти меъёрҳои ахлоқӣ нисбат ба судяҳо дар заминаи оилаи ҳуқуқии романо-олмонӣ, ки Тоҷикистон низоми ҳуқуқии миллии худро дар асоси он бунёд намудааст, ҷой доштани зарурати ратификатсия кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти омӯзиши мавзуи баррасишаванда барои аз байн бурдани мушкилоти ҷойдошта ва таъсиррасон будани он.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад,** ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдашуда алоқамандии зич доранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67, 70 ва 74-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- омӯзиш ва таҳлили асосҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Фаронса ва ИМА дар самти интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя, ба роҳ мондани консепсия, барномаи таълимӣ ва тайёрии номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя дар муассисаҳои таълимии давлатҳои таҳқиқшаванда ва дар ин замина пешниҳод намудани шакл ва усулҳои муосири таълим ва такмили ихтисоси судяҳо;
- омӯзиш ва таҳлили асосҳои ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани давраҳои ташаккул ва инкишофи асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти такмили сохтори судӣ ва тобеияти идоравӣ;
- бо истифода аз усули таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ, гузаронидани таҳлили қонунгузорӣ ва таҷрибаи миллӣ бо санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷии таҳқиқшаванда, бо мақсади манзур намудани пешниҳодҳои ба талаботи замони муосир мувофиқи интихоб, тайёр намудан, таълим, такмили ихтисоси судяҳо ва меъёрҳои этикаи касбии судя;
- дар қонунгузории миллӣ пешниҳод намудани мафҳумҳо ва тафсири номзадҳои ба вазифаи судя пешниҳодшавандае, ки дар вазифаи судя фаъолият мекунанд, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя ва номзадҳои бори аввал ба вазифаи судя пешбаришаванда;
- дар асоси таҳқиқот таҳия ва пешниҳоди консепсияи таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо;
- муайян намудани таъминоти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, методии раванди таълим ва такмили ихтисос дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳод намудани сохтори асосноки ташкилии он;
- коркард ва шарҳу тавзеҳ додани мафҳум, моҳият ва принсипҳои этикаи байналмилалии судя ва нақши онҳо дар низоми интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя;
- таҳия ва пешниҳод намудани ҷадвали таҳлилӣ-муқоисавӣ оид ба талаботи Кодекси этикаи судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои этикаи судяи давлатҳои хориҷӣ. як қатор тавсияҳои назарӣ ва амалӣ таҳия ва пешниҳод намудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст,** ки хулосаву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалие, ки бо истифодаи таҳлили воқеии муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории миллӣ, байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудаанд, барои илми ҳуқуқшиносӣ ва таҷрибаи судии ватанӣ аҳамияти калон дошта, ба такмили қонунгузории соҳавӣ заминаи мусоид муҳайё месозад. Татбиқи пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ метавонад ба ташаккул ва рушди низоми интихоб, тайёр намудан, таълим, такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя ва меъёрҳои этикаи касбӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон як қатор пешниҳоду таклифҳои назариявӣ, илмӣ, ташкилӣ ва амалии рисолаи мазкурро бо ташкили курсҳои махсус дар барномаҳои таълимии ихтисоси ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои ҷумҳурӣ метавон мавриди татбиқ қарор дод.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усулҳои умумӣ ва махсуси таҳқиқоти илмӣ, ба монанди: диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, таҳлил ва синтез, сотсиологӣ ва оморӣ ташкил додаанд. Ба сифати усулҳои махсус – усулҳои муқоисавии ҳуқуқӣ, назариявӣ, амалӣ ва ташкилии асосҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаҳои интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии он истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳаммияти калон доранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд,** ки ба таҳлили асоснок, воқеъбинона ва ҳаматарафаи паҳлуҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, талаботи этикаи касбии судя, таҳлили натиҷа ва хулосаҳо, мафҳумҳо, ақидаҳо ва пешниҳодҳои назариявию амалии муаллиф, таҳлили муқоисавӣ-хуқуқии таҷриба ва қонунгузории миллӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бо дарёфт ва пешниҳодҳои афзалиятноки муосири усулҳои интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо ва кодекси этикаи касбии судя асос меёбанд.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия** аз он иборат аст, ки таҳқиқоти илмии ӯ, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди мустақилона ва бевоситаи муаллиф буда, асосокӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 10 марти соли 2023, № 6 қарор қабул карда шуд, ки ба Завқизода Солеҳ Амин дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 апрели соли 2022, №95/шд тасдиқ гардидааст 9 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ «9» нафар, «муқобил нест», бюллетенҳои беэътибор «нест».

**Раиси Шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Искандаров З.Ҳ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Раҳмадҷонзода Р.Р.**

**10 марти соли 2023**